## Тақризи

**муқарризи расмӣ оид ба диссертатсияи М.А. Гадоев дар мавзӯи: «Хусусиятҳои клиникӣ - лабораторӣ ва такмили муоличаи беморони гирифтори сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар якҷоягӣ бо сили шуш», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ**

Теъдоди беморони гирифтори сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд аст. Дар соли 2021 гирифторшавӣ ба бемории сил 40,3%-ро ташкил дод. Ин як бемории хосе мебошад, ки бо паст шудани масунияти ҳуҷайравӣ тавсиф гашта, дар натиҷа дигар сироятҳо ба осонӣ метавонанд ба он ҳамроҳ шаванд. Ҳамин тавр, сил ва сироятҳои урогениталӣ мушкилоти дугона маҳсуб ёфта, ба маҳвсозии системаи масуният: звенаҳои гуморалӣ, ҳуҷайравӣ ва ғайра мусоидат мекунанд.

Чунин алоқамандӣ ташхис ва оғози табобати саривақтиро душвор мегардонад. Аз ин рӯ, гузаронидани тадқиқот оид ба мушкилоти номбурда дар марҳилаи ҳозира хеле муҳим аст. Тадқиқотҳо оид ба такмили ташхис, омӯзиши хусусиятҳои ҷараёни клиникии сироятҳои ҳамроҳ (СБРАҶГ ва сил),ислоҳи муолиҷа ва оқибатҳои он дар заминаи норасоии масунияте, ки ҳарду сироят ба вуҷуд овардаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида нашудаанд. Оё муолиҷаи самаранок ва ё баръакс, музминшавии СБРАҶГ-и урогениталӣ дар заминаи муолиҷаи зиддисилӣ имконпазир аст? Чунин тадқиқотҳо аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло тадқиқоти М.А. Гадоев, бешубҳа, аҳамияти хосро доро мебошад. Дар алоқамандӣ ба ин муаллиф, ҳамчун духтури клиникӣ зарур донистааст, ки як қатор усулҳоиҷ лабораторӣ ва инструменталиро азхуд кунад. Муаллиф дар назди худ ҳадафи дақиқ гузоштааст - беҳтар кунонидан ва такмил додани муолиҷаи сироятҳои урогениталӣ дар беморони сили шуш бо назардошти вайроншавиҳои масунии ошкоршуда ва хусусиятҳои клиникӣ- лабораторӣ.

Бинобар ин, вазифаҳои дақиқ таҳия карда шудаанд, ки имкон медиҳанд маълумоти нави мушаххас, ки ин шакли омехтаи бемориро тавсиф мекунанд, ба даст оварда шавад.

Аз рӯйи маводҳои диссертатсия 11 таълифоти чопӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Кор аз рӯи нақшаи маъмулӣ дар 159 саҳифаи матни компютерӣ навишта шуда, аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифоти мавод ва усулҳои тадқиқот, бобҳои натиҷаҳои худӣ, муҳокимаи натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима унвонҷу арзиши илмӣ - амалии тадқиқотро асоснок мекунад.

Зимни шарҳу тавзеҳи адабиёт чаҳор масъалаи муҳим инъикос ёфтааст:
1) нигоҳи муосир ба сабаб ва оқибатҳои паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда;
2) таъсири сирояти сил ба ҷараёни сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда;
3) вайроншавиҳои масунӣ дар сироятҳои урогениталӣ ва сили шуш;
4) принсипҳои муосири табобати сироятҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда ва сили шуш.

Шарҳу тавзеҳи адабиёт ба омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои тадқиқотчиёни рус ва хориҷӣ асос ёфтааст. Муаллиф тавонистааст, ки фаҳмиши муосиррро оид ба сабаб ва оқибатҳои паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар заминаи сирояти сил, ки ба ҷараёни клиникии сироятҳои урогениталӣ таъсир мерасонад, то андозае муфассал инъикос намояд. Инчунин, ба хусусиятҳои вайроншавиҳои масунӣ ва хусусиятҳои табобати беморон эътибор дода шудааст.

Дар боби дуюм – мавод ва усулҳои тадқиқот – объекти тадқиқот 135 нафар беморонанд, ки аз онҳо 81 мард ва 54 зан дар муассисаи давлатии “Маркази миллии бемориҳои сил, шуш ва ҷароҳии қафаси сина” бистарӣ шудаанд. Гурӯҳи назоратиро 90 нафар бемори гирифтори сирояти урогениталӣ ташкил додаанд, ки аз бемории сили шуш надоранд ва аз рӯи ҷинс ва синну сол тасодуфӣ буданд. Гурӯҳҳои беморон аз рӯи синну сол, давомнокии беморӣ, солҳои ошкоршавии беморӣ ва шаклҳои бемории сил якхела буданд.

Интихоби беморон пас аз гирифтани аввалин муоинаи клиникӣ ва лабораторӣ гузаронида шуд. Меъёрҳои интихоби бодиққати беморон танҳо беморони гирифтори сироятҳои урогениталӣ буданд, ба ғайр аз чунин мизоҷон: осеби сифилитикӣ, сирояти вируси норасоии масунияти одам, бемории вазнини соматикӣ, ҳомиладорӣ, беморони сили шуш, ки ба табобати ҷарроҳӣ ниёз доранд, шаклҳои эктопикии сил, синни аз 20 камтар ва аз 40 боло, беморони аз ҷиҳати иҷтимоӣ носозгор, ки гирифтори майзадагӣ ва нашъамандӣ мебошанд.

Сатҳи иҷтимоии беморони ҳарду гурӯҳ омӯхта шуд. Дар гурӯҳи асосӣ сокинони деҳот 76 нафар (56,3%) бартарӣ доштанд, ки ин нисбат ба сокинони шаҳрии гурӯҳи назоратӣ 59 (43,7%) зиёд аст. Дар гурӯҳи асосӣ бо каме тафовут беш аз 57 (42,2%) нафари ғайрикорӣ ва 53 (39,3%) нафари бо кор таъминбуда мушоҳида карда шуд. Дар гурӯҳи назоратӣ бо кор таъмин будагон бештар ба назар расиданд. Дар байни донишҷӯён 25 (18,5 фоиз)

ҳолатҳои бемориҳои урогениталӣ ва бемории сил ошкор шудааст. Дар гурӯҳи назоратӣ зиёда аз 34 нафар (37,8%) донишҷӯён гирифтори СБРАҶГ буданд.

Дар байни бекорон нисбат ба одамони ба кор машғул бемории сил бештар ошкор карда шудааст. Ҳис карда мешавад, ки муаллиф кори арзишманд ва дақиқро анҷом додааст. Муаллиф тадқиқотҳои клиникӣ, инструменталӣ ва микробиологии СБРАҶГ ва силро нисбатан муфассалтар тавсиф мекунад. Усулҳои табобати ду сирояти омӯхташуда муфассал оварда шудаанд.

Боби навбатӣ (он ҳаҷман хеле калон аст) ба зуҳуроти клиникии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар беморони сили шуш бахшида шуда, аз 2 зербоб иборат аст.

Дар зерсарлавҳаи якум барангезандагони сироятҳои урогениталӣ дар беморони сили шуш омӯхта шудаанд. Бештари вақт якҷояшавии сироятҳои омехта дар гурӯҳи асосӣ, ки 74,1% (100 бемор) ва дар гурӯҳи назоратӣ 58 (64,4%) ҳолатро ташкил медиҳанд, ба мушоҳида расиданд.

Дар ин ҷо зуҳуротҳои хоси клиникии сироятҳои урогениталӣ дар заминаи бемории сили шуш дар беморони гурӯҳи асосӣ дар муқоиса ба гурӯҳи назоратӣ 1,9 маротиба бештар бе зуҳуроти субъективӣ зуҳур кардаанд. Тадқиқотҳои муаллиф инчунин, ба таври эътимодбахш нишон доданд, ки СБРАҶГ-и урогениталӣ дар беморони сили шуш дар 115 (85,1%) ҳолат ба таври вазнин идома ёфта, тамоюл ба музминшавӣ ва инкишофи оризаҳои вазнинтар аз тарафи узвҳои репродуктивиро доранд. Муаллиф ба таври дақиқ исбот кардааст, ки СБРАҶГ-и урогениталӣ дар беморони сили шуш дар муқоиса бо гурӯҳи назоратӣ дар синни ҷавонии репродуктивӣ бештар ба назар мерасанд, ки ин метавонад оқибатҳои манфӣ дошта бошад. Илова бар ин, бояд қайд кард, ки дар беморони гурӯҳи асосӣ сирояти омехта бештар ҷудо ба мушоҳида мерасад.

Боби чорум низ хеле дар ҳаҷми калон ба нишондодҳои иммунологии беморони гирифтори сироятҳои урогениталӣ, ки гирифтори сили шуш мебошанд, бахшида шуда, ҳамчунин аз 2 зерсарлавҳа иборат аст.

Дар зерсарлавҳаи аввал ҳолати звенаҳои ҳуҷайравӣ ва гуморалии системаи масунӣ омӯхта шудаанд. Тадқиқотҳои гузаронидашуда ба таври мӯътамад коҳишёбии назарраси системаи масуниро дар беморони гурӯҳи асосӣ нишон доданд. Дар гурӯҳи назоратӣ андаке камшавии лимфоситҳо мушоҳида карда шуд. Дар таркиби Т-лимфоситҳои CD3 ва ИРИ(58,4±2,0%) нисбат ба гурӯҳи назоратӣ (63,7±2,4%) вайроншавиҳои бештар ба назар мерасад. Дар байни донорҳои солим ин нишондод 66,9±2,4 фоизро ташкил медиҳад.

Дар гурӯҳи асосӣ, ИРИ(CD4 ва CD9) нисбат ба гурӯҳи назоратӣ зуд-зуд коҳиш ёфт, зеро масунияти ҳуҷайравӣ дар илтиҳоби сил бештар азият мекашад. Фаъолияти ҳуҷайраҳои CD16 дар гурӯҳи асосӣ нисбат ба назоратӣ тақрибан 2 маротиба кам шудааст.

Дар гурӯҳи асосӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ 4,4 маротиба камшавии иммунитети гуморалӣ CD20 ба мушоҳида мерасад.

Ҳангоми баҳодиҳии муқоисавии нишондиҳандаҳои масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалӣ дар ҳарду гурӯҳ исбот карда шуд, ки раванди илтиҳобӣ дар нишондиҳандаҳо ҳангоми ҷараёни шадиди раванди сироятӣ дар беморони гурӯҳи асосӣ тағйиротҳои возеҳ дорад. Микдори лимфоситҳо нисбат ба беморони ҷараёни музмини СБРАҶГ-и урогениталӣ 1,3 маротиба зиёд буд.

Тадкики нишондиҳандаҳои масунияти ҳуҷайравӣ ва гуморалӣ дар беморони гурӯҳҳои асосӣ ва назоратӣ дар беморони гирифтори бемориҳои урогениталӣ дар заминаи бемории сили шуш тағйироти хеле назаррасро исбот карданд. Муаллиф ин тағйиротро бо табобати ҳамзамони зиддисилӣ алоқаманд медонад. Инчунин, маълумотҳои ошкоршуда пешгирӣ аз пайванди ҳуҷайра дар беморони гирифтори бемории силро нишон медиҳанд.

Дар зерсарлавҳаи 4.2 оид ба тағирёбии тарашшуҳи ситокинҳо дар сироятҳои урогениталии СБРАҶГ дар беморони гирифтори бемории сили шуш сухан рафта, камшавии онҳо низ ба таври эътимодбахш исбот шудааст. Дар гурӯҳи асосӣ нисбат ба назоратӣ миқдори камтари ситокинҳо ҷудо карда шуданд; ки инкишофи норасоии масунияти дуюмдараҷаро ҳамроҳ дошта ҳангоми он сирояти урогениталӣ ҷараёни торпидӣ мегирад.

Дар гурӯҳи назоратӣ ин нишондиҳандаҳо зиёд мешаванд, ки фаъолнокии реаксияи илтиҳобӣ ва функсияи муҳофизатии системаи иммуниро тавсиф мекунанд.

Муаллиф инчунин, номутавозунии назарраси ситокинҳои илтиҳобӣ ва зидди илтиҳобиро дар беморони гирифтори СБРАҶГ-и урогениталӣ дар якҷоягӣ бо сили шуш муқаррар кардааст. Инчунин, вайроншавии системаи интерлейкин дар гурӯҳи асосӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ исбот карда шуд.

Боби панҷум ба хусусиятҳои ҷараёни клиникии сироятҳои урогениталӣ бо бемории сили шуш ва натиҷаи наздиктарини табобат бахшида шудааст.

Маълумотҳои бадастомада ҳангоми омӯзиши муқоисавии клиника ва самаранокии табобати беморони гирифтори сирояти омехта, ки дар гурӯҳи асосӣ ошкор карда шуданд, ба 2 гурӯҳ тақсим карда шудааст.

Ҳарду гурӯҳ табобати якхелаи зиддиилтиҳобӣ гирифтанд, аммо ба гурӯҳи дуюми беморон ба таври илова иммуномодулятори Тимогар ва Азитромитсин таъйин карда шуданд. Муаллиф ба таври боварибахш нишон

додааст, ки зухуроти клиникии СБРАЧГ-и урогениталӣ дар беморони гурӯҳи дуюм тезтар аз байн меравад. Самаранокии табобат низ дар гурӯҳи дуюм аз ҳисоби илова намудани иммуномодулятор баландтар буд.

Динамикаи нишондодҳои иммунологӣ ва беморони муоинашаванда пас аз табобат, самаранокии он аз рӯи нишондодҳои иммунологӣ арзёбӣ карда шуд. Самаранокии табобат дар бемороне, ки муолиҷаи комплексии зидди сироятҳои урогениталӣ ва силро бо ворид кардани иммуномодулятори Тимогар ва Азитромитсин гирифта буданд, ба таври назаррас баландтар буд.

Бояд гуфт, ки ин маълумотҳо аз рӯи маводи интихобӣ гирифта шудаанд ва аз ин рӯ, кор таҳти унвони “барои истифодаи расмӣ” нашр намешавад. Ин маводҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ин ҷо теъдоди беморони СБРАЧГ-и урогениталӣ ва сили шуш дар байни сокинони деҳот ниҳоят зиёд мебошад.

Хулоса ҳаҷман бо услуби маъмулӣ ва бо мисолҳои беморони мушоҳидашуда навишта шудааст.

Кор дар фаъолияти амалии Муассисаи давлатии Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул ва дар Муассисаи давлатии Маркази миллии бемории сил, шуш ва ҷароҳии қафаси сина ҷорӣ карда шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот дар равандҳои табобатӣ ва таълимӣ ҷорӣ карда мешаванд.

**Эродҳо оид ба кор:**

1. Ба муолиҷаи беморони сил дахл дорад, ки онҳо аз рӯи кадом категория табобат гирифтаанд ва номи пурраи доруҳои зидди силӣ чи аст, номаълум мебошад.
2. Дар бобҳо аз рӯи методологияи кор, аз руи иқтибосҳои аз адабиётҳо овардашуда такрорҳо мавҷуданд. Баъзе хатогиҳои имлоӣ мавҷуданд.

## Хулоса

Тадқиқоти илмии М.А.Гадоев кори анҷомёфта буда, дар он роҳҳои нави ҳалли мушкилоти муҳими илмӣ оид ба ташхис, ҷараёни хоси клиникӣ ва такмили табобати беморони гирифтори сироятҳои урогениталӣ дар якҷоягӣ бо бемории сили шуш пешниҳод гаштааст. Кори илмии М.А.Гадоев дар ҳалли сироятҳои омехта дар дерматовенерология самти навро мекушояд. Кор ба ихтисоси 14.01.10 — Беморихои пӯст ва зуҳравӣ мувофиқ аст.

Автореферат ва корҳои нашршуда маводҳои дар диссертатсия пешниҳодшударо инъикос мекунанд.

Аз рӯи мубрамият, наповарии илмӣ, ҳаҷми тадқиқотҳои иҷрошуда, аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада тадқиқоти пешниҳодшуда ба талаботҳои фасли 3, бандҳои 31, 34-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ…», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267

барои диссертатсияҳои номзадӣ тасдиқ гаштааст, мутобиқ буда, худи унвонҷӯ ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб сазовор мебошад.

Муаллифи асар ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз руйи ихтисоси 14.01.10 - Бемориҳои пӯсту зуҳравӣ сазовор мебошад.

**Духтури силшиноси Муассисаи давлатии**
**«Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ**
**аз бемории сил»**
**номзади илмҳои тиб** **Юсупҷонова Ҷ. М.**

*Маълумот барои тамос: Муассисаи давлатии*
*«Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»*
*Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*

*ш. Душанбе, кӯчаи Бухоро, 53.*

*Тел: +99 221 62 25*